«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
д.и.и., профессор Хушвахтзода Қ.Х.

________________________

«_____»__________________2023с.

# ХУЛОСАИ
## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсия дар мавзӯи "Такмили сиёсати саноатӣ ва таъсири он ба рушди соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расонида шуд.

Аскарова Санавбархон Султонхоҷаевна, соли таваллуд 04.02.1985, дар ноҳияи Б. Ғафуров, вилояти Суғд таваллуд шудааст. Соли 2013 МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров», факултети забон ва адабиёти тоҷик хатм намудааст. Бо назардошти қобилияти машғул шудан бо кори илмӣ, соли 2008 ба ҳайси техник-оператори факултети «Техникаи ҳисоббарор ва воситаҳои техникии таълим» ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ба кор қабул карда шуд. Бо баробари фаъолияти меҳнатӣ, дар соли 2014 факултети молия ва иқтисодиёти бозори ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров ихтисоси аудит ва ревизия дохил шуда соли 2018 хатм намудааст. Худи ҳамон сол ба шуъбаи магистратураи ихтисоси кори бонкӣ дохил шуда ва соли 2020 хатм намудааст. Соли 2020 ба докторантураи ихтисоси 6D0506(02) - Иқтисодиёт: иқтисодиёти минтақа Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд қабул шудааст.

Аскарова Санавбархон Султонхоҷаевна бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳти № 735705 аз 06.10.2021с. – ҳамчун докторанти PhD ихтисоси 6D050600-(02) – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (саноат) ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон интиқол гардида, кори илмӣ-таҳқиқотии худро идома додааст.

Роҳбари илмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳои миллии Тоҷикистон Низомов Самараддин Фахриевич мебошад.

**Муқарризон:**

Низомова Т.Д. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

Фаррухӣ Р. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

Билолов Н.Қ. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия дар мавзӯи “Такмили сиёсати саноатӣ ва таъсири он ба рушди соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон” чунин хулосаҳо бароварда шуд.

**Баҳодиҳии иҷрои диссертатсия.** Аскарова Санавбархон Султонхоҷаевна дар мавзӯи “Такмили сиёсати саноатӣ ва таъсири он ба рушди соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба яке аз масъалаҳои муҳим ва муосири рушди саноати миллӣ ва таъмини саноатикунонии босуръати кишвар бахшида шуда, бо забони илмӣ иншо гардидааст ва таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад, мақсад ва вазифаҳои диссертатсия иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳо асоснок гардидаанд.

**Иштироки шахсии докторант дар гирифтани натиҷаҳое, ки дар диссертатсия пешниҳод кардааст.** Дар асоснок намудани ҷанбаҳои назариявӣ-методии таҳқиқоти такомули ташаккулёбии сиёсати саноатӣ ва системаи саноат дар доираи назарияиҳои илмӣ, коркарди қиёсии маълумотҳои оморӣ, муайянсозии равишҳои технологии таъсиррасонӣ ба сохтори системаи саноат ва роҳҳои тараққиёти техникӣ-инноватсионии саноат, дар доираи гузариш ба тартиботи технологии навини муосир, таҳқиқи вазъи муосир ва муайян кардани тамоюлҳои рушд, заминаҳои асосии ташкили системаи инноватсионии саноат ва такмилдиҳии ташаккули система ва сиёсати саноат, таҳияи модели маҷмӯавии коррелятсионӣ ва регрессионии корхонаҳои саноатӣ ва татбиқи усулҳои баҳодиҳии фаъолият ва самаранокии онҳо, инчунин тавсияҳои мушаххаси муаллиф вобаста ба татбиқи роҳу равишҳои ба система ва сиёсати саноатӣ таъсиррасон ифода меёбад.

**Дараҷаи асоснокии таҳқиқоти анҷомдодашуда.**

Асоснокӣ ва дараҷаи саҳеҳии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир меёбад, ки муаллиф назарияҳо, хулосаю ақидаҳои дар тадқиқотҳои илмии бунёдӣ ва амалии олимони ватанӣ ва хориҷӣ ифодаёфтаро дар доираи баррасии масъалаҳои омӯзишии ҷанбаҳои назариявии идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ истифода намуда, инчунин асосҳои методологӣ ва таҳлили равандҳои таъмини рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ ва хусусиятҳои идоракунии онро бо такя ба корҳои илмии олимону муҳаққиқони ин соҳа баррасӣ ва мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Дар раванди иҷроиши кори диссертатсионӣ усулҳои зерини таҳқиқот истифода бурда шудаанд: муқоиса, методҳои оморию иқтисодӣ, методҳои

чадвалсозӣ ва графиксозӣ, таҳлили системавӣ, гуруҳбандӣ, методи абстрактивию мантиқӣ, усули таҷрибавӣ ва ғ.

**Навовариҳои илмии таҳқиқот**. Дар кори диссертатсионӣ натиҷаҳои зерини назариявӣ ва амалӣ ба даст оварда шудаанд, ки навоварии илмии таҳқиқотро дар асосноккунии назариявии равишҳои мукаммалсозии сиёсати саноатӣ ва тавсияҳо оид ба рушди технологии бахшҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, натиҷаҳои нисбатан аҳамиятноке, ки дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд, ки навоварии илмии таҳқиқотро дар худ таҷассум менамоянд:

- ҷанбаҳои назариявии фаъолият ва рушди системаи саноати кишвар ва проблемаҳои коркарди сиёсати саноат, асосҳои ташаккулёбӣ ва рушди системаҳои саноатӣ асоснок карда шудаанд, ки дар онҳо ба инобат гирифтани маҷмӯи тавсифҳои субъективӣ ва объективии сиёсати саноатӣ ва системаи саноатӣ тахқиқ мешаванд;

- муайянсозии равишҳои технологии таъсиррасонӣ ба сохтори системаи саноат ва роҳҳои тараққиёти техникӣ-инноватсионии саноат дар доираи гузариш ба тартиботи технологии навини муосир баррасӣ гардида, таҷрибаи кишварҳои пешрафта таҳқиқ гардида, тавсияҳои татбиқи онҳо пешниҳод мегардад;

- баҳодиҳии ҳолати муосир ва муайян кардани тамоюлҳои рушд, заминаҳои асосии ташкили системаи инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаҳои воқеии рушди инноватсионии соҳаи саноат гузаронида шуда, татбиқи равишҳои ҳавасмандгардонии корхонаҳои саноатии кишвар, ки барои банақшагирӣ ва ташаккулёбии сиёсати саноатии кишвар мусоидат мекунанд, ироа мегарданд;

- самтҳои стратегии такмилдиҳии ташаккулдиҳии система ва сиёсати саноат, методикаи ташаккулёбиии стратегияи рушди илмиву технологии муҷтамаъҳои саноат ва мукаммалгардонии механизмҳои рушди сиёсати саноатӣ ва соҳаҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон асонок гардида, модели консептуалии рушди сиёсати саноатӣ ва рушди воридотивазкунии саноат тавсия мегардад;

- методика ва усулҳои баҳодиҳии фаъолият ва самаранокии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи моделсозии иқтисодӣ-риёзӣ коркард мегардад.

**Алоқамандии мазмуни диссертатсия бо ихтисоси интихобшуда.**

Диссертатсияи Аскарова С.С. дар мавзӯи “Такмили сиёсати саноатӣ ва таъсири он ба рушди соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор руйи ихтисоси 6D050600-(02) – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва

идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (саноат) Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

**Нововарӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот ба ихтисоси интихобшуда.** Нововарӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз руи ихтисоси аз рӯи ихтисоси 6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика бандҳои 1. Таҳия ва мутобиқсозии усулҳо, механизмҳо ва воситаҳои нав ва қаблан мавҷудбудаи амалкарди иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии иттиҳодияҳои хоҷагидорӣ дар соҳаи саноат ва комплекси сӯзишворию-энергетикӣ, 5. Равишҳои методологӣ ва методӣ нисбат ба масоили иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии соҳаи саноат ва энергетика. Қонуниятҳо ва тамоюли амалкард ва рушди соҳаи саноат ва энергетика, 11. Асосҳои назариявӣ ва методии таъминоти рақобатпазирии истеҳсолкунандагони маҳсулоти саноатӣ, ташаккулёбӣ ва рушди истеҳсолоти саноатии воридотивазкунанда ва ба саноат нигаронида шуда, 12. Ҷойгирсозӣ, принсипҳои ташкил ва баландбардории самаранокии истеҳсолоти саноатӣ ва энергетикӣ, 15. Сиёсати саноатӣ ва энергетикӣ: механизмҳои таҳия, татбиқ, назорат. Идоракунии ислоҳотҳои сохторӣ дар саноат ва энергетика, 24. Ташаккулёбӣ ва рушди сохторҳои кластерӣ дар саноат ва энергетика, тавсеаи инфрасохтори инноватсионии рушди саноат ва энергетика. Муаммоҳо ва дурнамои рушди кластерҳо дар саноат ва комплекси сӯзишворию-энергетикӣ, 25. Диверсификатсияи истеҳсолоти саноатӣ ва тавсеаи сиёсати ассортиментии корхонаҳои саноатӣ, 26. Механизмҳо ва воситаҳои таъсиси низоми самараноки амнияти иқтисодии корхонаҳо ва соҳаҳои саноат ва комплекси сӯзишворию-энергетикӣ, 29. Масоили таҷдиди соҳаҳо ва корхонаҳои саноат ва энергетика. Реинжиниринг дар корхонаҳои саноат ва энергетика, 33. Моделҳои рақамӣ дар иқтисодиёт ва идоракунии корхонаҳои саноатӣ ва энергетикӣ. Арзёбии самаранокии рақамикунонии равандҳои идоракунӣ ва технологӣ дар корхонаҳои саноат ва комплекси сӯзишворию-энергетикӣ. Таҳияи стратегияҳои рақамӣ дар саноат ва энергетика, 35. Асосҳои назариявӣ ва методии ташаккулёбӣ ва рушди истеҳсолоти саноатии воридотиивазкунанда ва ба содирот нигаронида шуда, 37. Минтақаҳои саноатӣ ва шаҳрҳои саноатӣ. Нуктаҳои рушди саноатӣ ва истифодабарии самараноки иқтидори саноатӣ ва энергетикӣ. мутобиқат мекунанд.

**Таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он**.

Мухтавои асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли маърӯза ва мақолаҳо дар конференсияҳо, семинарҳои илмӣ ва илмию амалии аҳамияти байналмилалӣ ва ҷумҳуриявидошта дар давраи солҳои 2020-2023 пешниҳод ва баррасӣ шудаанд.

**Интишори натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар 45 кори илмии муаллиф, аз он ҷумла дар 14 мақолаи дар маҷалла ва нашрияҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Ҳаҷми умумии маводи чопшудаи илмӣ аз рӯйи мавзӯи диссертатсия 15,8 ҷ.ч.-ро ташкил дода, аз он интишороти муаллиф 13,2 ҷ.ч. мебошад.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ ОИД БА МАВЗӮИ ДИССЕРТАТСИЯ

### А) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон:

1. **Аскарова С.С.** Оид ба суоли табдилдиҳии муносибатҳои амволӣ дар саноати иқтисодиёти минтақавӣ // Маҷаллаи “Номаи Донишгоҳ” №3 (58), 2021 силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. 2021- С.109-115. ISSN 2077-4974
2. **Аскарова С.С. Низомов С.Ф.** Рушди сиёсати саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳоншавӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Душанбе. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ 2021. №7- С.116-122. ISSN 2413-5151
3. **Аскарова С.С.** Тадбирҳои танзими давлатии сиёсати инноватсионӣ дар минтақаҳо // Маҷаллаи илмӣ-назариявии «АХБОРИ ДДҲБСТ». Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ №3 (88), 2021- С.53-59. ISSN 2411-1945
4. **Аскарова С.С.** Омилҳои рушди соҳаҳои саноат дар шароити табдилдиҳии рақамӣ // Маҷаллаи “Номаи Донишгоҳ” №3 (58), 2021 силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. 2021- С.119-122. ISSN 2077-4974
5. **Аскарова С.С.** Оид ба масъалаҳои асосҳои назариявии сиёсати саноатӣ дар минтақа // Маҷаллаи “Номаи Донишгоҳ” №4 (58), 2021 силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. 2021- С.83-92. ISSN 2077-4975
6. **Аскарова С.С.** Механизмаҳои мавҷудаи танзимкунандаи рушди саноат дар Тоҷикистон // Маҷаллаи “Номаи Донишгоҳ” №1 (60), 2022 силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ -Хуҷанд, 2022- С.99-103. ISSN 2077-4974
7. **Аскарова С.С.** Проблемаҳои таҳияи сиёсати саноат дар заминаи саноатикунонии кишвар // Маҷаллаи “Номаи Донишгоҳ” №3 (62), 2022 силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. Хуҷанд, 2022- С.114-121. ISSN 2077-4974
8. **Аскарова С.С.** Таҳлили ҳолати муосир ва тамоюли рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷаллаи “Номаи Донишгоҳ” №4 (63), 2022 силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. Хуҷанд, 2022- С.98-103. ISSN 2077-4974

9. **Аскарова С.С.** Мулоҳиза дар бораи ҷанбаҳои назариявии кластерҳои саноатӣ // Маҷаллаи “Номаи Донишгоҳ” №4 (63), 2022 силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. Хуҷанд, 2022- С.145-150. ISSN 2077-4974

10. **Аскарова С.С.** Заминаҳои асосии ташкили низоми инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикитон // Маҷаллаи илмӣ-назариявии «АХБОРИ ДДҲБСТ». Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ №3, (94) 2023-Хуҷанд, - С.35-46. ISSN 2411-1945

11. **Аскарова С.С.** Рушди соҳаи саноат дар иқтисодиёти миллӣ. //Маҷаллаи “Номаи Донишгоҳ” силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ №1, 2023 ба чоп супордааст.

12. **Аскарова С.С.** Рушд ва инноватсионии соҳаи саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷаллаи “Номаи Донишгоҳ” №3 (59), 2023 силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ ба чоп супордааст.

13. **Аскарова С.С. Ҳафизов Ҳ.** Методикаи ташаккулёбии стратегияи рушди илмиву технологии муҷтамаъҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷаллаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Душанбе - 2023 ба чоп супордааст.

14. **Аскарова С.С.** Современное состояние и тенденции развития региональной промышленности Республики Таджикистан // Вестник Сургутского государственного университета (Экономические науки) 10.02.2023 г.Сургут-- С.30-40.

**Б) Интишорот дар дигар маҷаллаҳои илмӣ:**

15. **Аскарова С.С.**Оид ба принсипҳои татбиқи механизмҳои такмили низоми давлатии рушди саноатдар самтҳои дурнамо. //Конференсияи илмӣ-амалии чумҳуриявӣ бахшида ба эълон гардидани солҳои 2020-2024 “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами илмҳои табиӣ, дақиқ, риёзӣ ва техникӣ дар рушди саноати кишвар» санаи 26-уми феврали соли 2021. Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон, - Бӯстон, - С.21-23.

16. **Аскарова С.С.** Оид ба усули технологии танзими сохтори низоми саноатӣ. //Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба муносибати 30-умии солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Фаъолияти инноватсионӣ ҳамчун омили рушди босуръати иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар саноат» санаи 26-уми феврали соли 2021. Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон, - Бӯстон, - С.29-32.

17. **Аскарова С.С.** Механизмҳои танзими давлатии рушди заминаҳои истеҳсолию технологии маҷмааҳои саноатӣ дар шароити ҷаҳонӣ посткороновирусӣ. //Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Вазъи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврай пандемияи

коронавирус (COVID-19)» санаи 11-уми декабри соли 2021. Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон, -Кӯлоб, - С.496-500. ISSN 978-99985-52-20-4

18. **Аскарова С.С.** Истеҳсоли технологии маҷмааҳои саноатӣ дар шароити ҷаҳони посткаронавирусӣ //Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Нақш ва аҳмияти таҳсилоти фосилавӣ дар шароити пайдоиш ва паҳншавии бемориҳои сироятӣ» бахшида ба 30-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 29-уми декабри соли 2021. Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон, -Кӯлоб, - С.96-100.

19. **Аскарова С.С.** Заминаҳои назариявии тадқиқи иқтидори инноватсионии минтақаи саноатӣ. //Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба эълон шудани солҳои 2020-2024 " Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи маориф". Хуҷанд, ҶДММ "МТХ-Даврон" 2021.-390с. Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, - С.19-23.

20. **Аскарова С.С.** Таъсири инноватсияҳои техникию ташкилӣ ба сохтори ташкилии корхонаҳои саноатӣ. Конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Муаммоҳои рушди иқтисоди миллӣ дар шароити ҷаҳони пасокоронавирусӣ», (29 октябри соли 2021),-356с. Донишкадаи ташабусҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ (Украина), Душанбе, 2021 С.261-266.

21. **Аскарова С.С.** Сармоягузорӣ ҳамчун омили рушди соҳаҳои саноати инноватсионӣ ва иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Конференсияи вилоятии илмӣ-амалии олимони ҷавон бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи "Рушди саноати – инноватсионии иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон: муаммоҳо, омилҳо ва таҷрибаи ҷаҳонӣ" (5.04.2021 ДИС ДДТТ, Хуҷанд), С.26-29.

22. **Аскарова С.С.** Заминаҳои назариявии тадқиқи иқтидори инноватсионии минтақаи саноатӣ. Конференсияи ҷумҳуриявӣ таҳти унвони "Рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ: роҳҳои татбиқи натиҷаҳои онҳо дар истеҳсолот (26.02.2021, ДИС ДДТТ, Хуҷанд), С.61-66.

23. **Аскарова С.С.** Оид ба усули технологии танзими сохтори низоми саноатӣ. Конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ бахшида ба 30- солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти унвони «Фаъолияти инноватсионӣ ҳамчун омили рушди босуръати иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар саноат» (27 ноябри соли 2021), С.19-25.

24. **Аскарова С.С.** Сиёсати саноати давлат дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон. Конфронси ҷумҳуриявии илмӣ назариявиро дар мавзуи "Саноатикунонии босуръат асоси ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ", бахшида ба 30- солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (10.12.2021. ДДҲБСТ). С.16-20.

25. **Аскарова С.С.** Механизмҳои танзими давлатии рушди заминаҳои истеҳсолию технологии маҷмааҳои саноатӣ дар шароити ҷаҳонӣ посткороновирусӣ. Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Вазъи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи пандемияи коронавирус (COVID-19)» санаи 11-уми декабри соли 2021,- С.33-39.

26. **Аскарова С.С.** О некоторых подходах определения «»Технологический уклад. // Конференсияи байналмиллалӣ бахшида ба Всероссийской научно – практической и методической дар мавзӯи "Транцформация системы учетно – аналитического, финансового и контрольного обеспечения в условиях цифровизации экономики" 1.02.2022. Варонеж- С.279-288.

27. **Аскарова С.С.** Рушди устувори соҳаи саноат ва мавқеи он дар иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон. //Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Ташаккули бахши молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва накши он дар рушди устувори иқтисоди миллӣ» санаи 17-уми декабри соли 2022. Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, - Кӯлоб, - С.424-428. ISSN 978-999985-52-20-4

28. **Аскарова С.С.** Ташаккул ва тамоили рушди иқтисодиёти минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. //Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ- амалиро дар мавзӯи "Муаммоҳои инкишофи низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити гузариш ба иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ" санаи 15 декабри соли 2022. Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (дақиқ) ш.Душанбе, - С.120-128.

29. **Аскарова С.С.** Оиди баъзе масъалаҳои ташаккулёбии системаи инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон. //Конференсияи ҷумҳуриявии иқтисодӣ дар мавзӯи "Таъмини рушди устувор ва рақобатпазирии иқтисодиёти Тоҷикистон дар шароити ҷаҳоншавӣ" санаи 15 декабри соли 2022. ДДҲБСТ-и ш. Хуҷанд, -, - С.388-395, 978-99985-0-203-1

30. **Аскарова С.С.** Фишангҳои коркарди сиёсати саноати кишвар дар шароити иқтисодиёти миллӣ. //Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Ташаккули бахши молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва накши он дар рушди устувори иқтисоди миллӣ» санаи 17-уми декабри соли 2022. Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, - Кӯлоб, - С.428-433. ISSN 978-999985-52-20-4

31. **Аскарова С.С.** Механизмҳои татбиқи рушди институтсионалии танзими давлатии рушди саноат. //Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ рӯзи 27-28 марти 2022 конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявиро дар мавзӯи "Илм – асоси рушди инноватсионӣ" баргузор менамояд.Душанбе,2022, -С355 - С.319-321.

32. **Аскарова С.С.** Фишангҳои коркарди сиёсати саноати иқтисоди миллӣ. //Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар пояи кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити факултети баҳисобгирӣ ва иқтисоди рақамӣ санаи 21-23 уми майи соли 2022 конференсияи байналмиллалии илмию амалиро дар мавзӯи "Иқтисодиёт, молия, ҳисобгирӣ, таҳлил ва аудит: афзалиятҳои рушди стратегӣдар шароити иқтисодиёти рақамӣ". Душанбе, 2022, -С355 - С.285-288.

33. **Аскарова С.С.** Ҳолати муосир ва муаммоҳои рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. //Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Муаммоҳои ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодӣ рақамӣ дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон» санаи 18-уми ноябри соли 2022. Донишгоҳи миллииТоҷикистон. – Душанбе 2022, - С.253-257. ISSN 978-99985-36-12-8

34. **Аскарова С.С.** Нақш ва ҷанбаҳои назариявӣ дар рушди иқтисоди миллӣ. Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ амалӣ таҳти унвони "Технологияҳои иттилоотӣ ва нақши он дар рушди иқтисодӣ рақамӣ" дар МДТ "ДДХ ба номи кадемик Б.Ғафуров" 23.12.2022. -С.53-57

35. **Аскарова С.С.** Оид ба муаммоҳо ва самтҳои афзалиятноки рушди инноватсионии саноати истихроҷ ва коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон. //Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами иқтисоди меҳнат ва идоракунии кормандон» санаи 30-юми марти соли 2023. Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе 2023, - С.125-128.

36. **Аскарова С.С.** Анализ современного состояния и тенденций развития промышленности в Республике Таджикистан. // Конференсияи байналмиллали дар мавзуи "Актуальные проблемы учета экономического анализа и финансово хозяйственного контроля деятельности организаций" 10.12.2023. Варонеж- С.279-288.

37. **Аскарова С.С.** Тамоюлҳои рушди низом дар саноати иқтисодӣ. // Конференсияи байналмиллали дар мавзуи "Масъалаҳои мубрами таълими фанҳои дақиқ дар омода намудани мутахассисҳои баландихтисоси соҳаи кӯҳию металлургии кишвар" 11.03.2023. - С.372-378.

38. **Аскарова С.С.** Инновационные проблемы и развитие промышленной политики в Республике Таджикистан. //9-10 февраля 2023 года в г. Ростов-на-Дону состоится International Conference «Smart Technologies for society», Government, Economy г. Ростов-на-Дону 2023, - С.572-678.

39. **Аскарова С.С.** Развитие промышленности в национальной экономике. //Конфронси илмӣ-амалӣ байналмиллалӣ дар мавзуи "Тенденции развития социальной инфраструктуры региона"№96, апреля 2023 ш. Самара, - С.26-30.

40. **Аскарова С.С.** Анализ тенденций промышленного развития Республики Таджикистан. //Teoreticeskaa I prikladnaa nauka. Theoretical & Applied Science. Philadelphia. USA 05 (121) 2023№, -С.607-613.

41. **Аскарова С.С.** Направления и задачи развития промышленной политики. //ООО "Агентво перспективных научных исследований" 06.01.2023 г. Белгород, - С.50-52. ISSN 2713-1513

42. **Аскарова С.С.** Таҳлил ва тамоюли рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. //Филиал Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе международная научно-практическая конференция "XIII Ломоносовские чтения" посвященная 115 летию академика Б.Гафурова 28-29.04.2023 г.Душанбе, - С.300-305.

43. **Аскарова С.С.** Роль и тенденции развития региональной промышленности в Республике Таджикистан. //Академическое издательство "Научный журнал" APOSTERIORI, Стр 59-63, г. Москва 2023, - ISSN (p) 2712-9462, ISSN (e) 2541-8068

44. **Аскарова С.С.** Проблемы развития промышленной политики в экономике региона. Научный журнал "Тенденции развития науки и образования" №93 январ 2023, Стр 19-22, г. Самара.

45. **Аскарова С.С.** Промышленная система страны и проблемы региональной экономики. Конфронси илмӣ-амалӣ байналмиллалӣ дар мавзуи "Преспективы интеграционных процессов и поиск инновационных решеный" 21.01.2023. ш. С.Петергбург.- - С.20-23. ISSN 978-5-907676-16-9

## ХУЛОСА:

1. Дисертатсияи Аскарова Санавбархон Султонхоҷаевна дар мавзуи "Такмили сиёсати саноатӣ ва таъсири он ба рушди соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯи ихтисоси 6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика пешниҳод гардидааст, ба шиносномаи ихтисоси ихтисоси 6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика ҷавобгӯ буда, дар он ҳалли муаммои илмӣ, ки аҳамияти муҳиму афзалиятнокро дар рушди илми иқтисоди ватанӣ доро аст ва ба талаботи Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯӣ буда, теъдод ва интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мутобиқат менамояд. Муаллиф дар мукамалгардонии баҳисобгирӣ ва назорат дар соҳаи парандапарварӣ, коркардабарои асосҳои назариявӣ ва ташкилӣ -методии баҳисобгирӣ ва назорати табдилёбии биологӣ дар парандапарварӣ, ки таъминоти иттилоооти идоракунии соҳа беҳтар мегардонад, саҳми худро гузоштааст.

2. Дисертатсияи Аскарова Санавбархон Султонхоҷаевна дар мавзуи "Такмили сиёсати саноатӣ ва таъсири он ба рушди соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз ихтисоси 6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика бо

дарназардоштиислоҳи камбудиҳои ошкоргардида ба экпертизаи навбатӣ пешниҳод карда шавад.

Дар маҷлис иштирок доштанд 17 нафар аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ 10 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 10 нафар «муқобил» - нест, «бетараф»-нест.

Хулосаи мазкур дар маҷлиси кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, бо суратмаҷлиси №11 қабул гардидааст.

**Раисикунанда:**
Мудири кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо
ва соҳибкории ДМТ, н.и.и., дотсент Раҳмонов Ҷ.Р.

**Котиб:**
ассистенти кафедраи иқтисодиёти
корхонаҳо ва соҳибкории ДМТ Холов А.М.

**Муқарризон:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Низомова Т.Д.
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Фаррухӣ Р.
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Билолов Н.Қ.

«Имзои Ҷ. Р. Раҳмонов, А.М. Холов, Низомова Т.Д.,
Фаррухӣ Р. ва Н.Қ. Билоловро тасдиқ мекунам»

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э. Ш.
«04» 07 2023с.